«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»

**Ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, профессор**

**__________ Ибодуллозода А.И.**

«28» январи соли 2023

# ХУЛОСАИ

# КАФЕДАРИ НАЗАРИЯ ВА ТАЪРИХИ АДАБИЁТИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ

Диссертатсия дар мавзуи «Мақоми Азизуддини Насафӣ дар ташаккули насри ирфонии адабиёти форсу тоҷик (масъалаҳои сарчашмашиносӣ ва поэтика)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.08 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ дар кафедраи назария ва таърихи адабиёти факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ ба анҷом расидааст.

**Сатторов Ҳабибулло Ҷабборович** соли 2013 факултети забонҳои Осиё ва Аврупои Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси муаллими забони арабӣ ва англисӣ хатм карда аст.

Аз соли 2014 ба ҳайси ассистенти кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ қабул гардида аст.

Мавзуи диссертатсия дар шурои олимони Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз 29.06.2019, қарори №12/4.7. тасдиқ шудааст.

Роҳбари илмии унвонҷӯ доктори илми филология, профессори кафедраи назария ва таърихи адабиёт Восиева Рухшона Қурбоновна, муовини ректор оид ба корҳои хориҷии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ мебошад.

Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадиро аз ҷониби Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз санаи 15.05.2023 таҳти №04/110 гирифтааст.

**Муҳокимаи диссертатсия чунин натиҷагирӣ карда шуд:**

Азизуддини Насафӣ аз ҷумлаи орифон ва нависандагони суфимашраби маъруфи асри сездаҳуми милодӣ маҳсуб шуда, бо таълифи осори гаронмояи ирфонӣ насри ирфонии адабиёти форсу тоҷикро доро̄й афзудааст.  Ба қалами ӯ дар асл беш аз 30 рисолаи илмии ирфонӣ тааллуқ мегирад, ки дар онҳо масоили мубрами тасаввуф ва аркони ирфон шарҳу тавзеҳ ёфтаанд. Ҳарчанд осори ин нависанда дар кишварҳои форсизабон, аз ҷумла дар Эрон бо кӯшиши Мирбоқирии Фард ва дигарон ба чоп расидааст, дар Тоҷикистон ҳанӯз тадқиқоти мукаммал сурат нагирифтааст ва ҳамин матлаб водор месозад, ки роҷеъ ба осори мансури ин шахсият, хоса «Зубдат-ул-ҳақоиқ», «Баён-ут-танзил», “Мақсад-ул-аксо”  ва чанд рисолаи дигари ӯ мабоҳисе дар доираи як диссертатсия ороста шавад.

Муаррифии шахсият ва осори Азизуддини Насафӣ ҳанӯз аз замони зиндагии худи ӯ оғоз шудааст. Сарчашмаи муътамади омӯзиши рӯзгор ва мероси ин адиб пеш аз ҳама асарҳои худи вай мебошанд, ки дар онҳо бар асоси талаботи иншо дар бархе маворид аз рӯзгор ва аҳволу ақволи хеш, хоса дар иртибот ба макотиби тасаввуфи замон зикри матолиб рафтааст. Ҳатто, таваҷҷуҳ ба тарҷумаи осори Насафӣ ба забонҳои хориҷӣ аз қарни ҳафтдаҳ, дақиқан аз соли 1655 милодӣ оғоз ёфта, дар ҳамин сол буд, ки қисмате аз рисолаи «Мақсад-ул-ақсо» ба забони лотинӣ тарҷума шуд. Аз ҷумла, Полмер, Фритз Мер ва Ҳенри Корбен низ дар муаррифии шахсият ва осори Насафӣ алоқамандии хешро зоҳир кардаанд. Маҷмуаи

рисолаҳои маъруфи вай бо номи «Инсони комил» аз ҷониби Морижон Мула бо муқаддима ва ҳавошӣ тасҳеҳ шудааст, ки ба он Ҳенри Корбен муқаддимае нигоштааст.

Дар мавриди таҳқиқи комили рӯзгор ва осори Насафӣ асосан донишмандони соҳибноми Эрон Аҳмад Маҳдии Домғонӣ, Саид Асғар Мирбоқии Фард ва Алиасғари Ҳикмат, Ҳомид Раббонӣ иштиғол варзидаанд. Мирбоқии Фард дар баррасии рӯзгор, осор ва мероси адабиву ирфонии Насафӣ мабоҳиси фаровони илмиеро дар муқаддимаи асари «Баён-ут-танзил» ғунҷоиш додааст, ки бевосита ба эҳтимоми ин донишманди номвар тасҳеҳ шудааст.

Мебояд зикр кард, ки ҳарчанд бахшҳои марбут ба зиндагинома ва осори Насафӣ дар бархе аз ин осори таҳқиқӣ ба назар мерасад, аммо таҳқиқ ва мутолиа дар онон мушаххас месозад, ки руҷӯи ин донишмандон ба мероси ирфонии адиб танҳо ба хотири бозгӯии муҳтаво ва мундариҷаи таълифоти вай ба ҳадафи муқаррар намудани доираи афкори фалсафӣ ва сиёсиву ирфонии нависанда ба шумор меравад. Баррасии арзишҳои адабии таълифоти мазкур ва ҷойгоҳи онон дар адабиётшиносӣ ва таҳаввули насри ирфонии форсу тоҷик аз зовияи дидгоҳҳои илмии ин донишмандон асосан берун мондааст. Дар Тоҷикистон таваҷҷуҳ ба шинохти рӯзгору осори Азизуддини Насафӣ камтар зоҳир шудааст ва асосан он чӣ дар даст дорем, ҳамон маълумотномаҳои умумии қомусӣ ва чандин мақолаву корҳои таҳия ва нашри осор маҳсуб мешаванд. Дар навбати аввал бояд қайд намуд, ки дар Тоҷикистон бештари маврид ҷанбаҳои фикрӣ, яъне афкори фалсафии Азизуддини Насафӣ ба риштаи таҳқиқ кашида шудаанд. Аввалин кӯшиш аз ҷониби донишманди риштаи фалсафа Рустам Шукуров мебошад, ки ӯ рисолаи «Зубдат-ул-ҳақоиқ»-ро аз форсӣ ба забони русӣ тарҷума намуд, ки соли 1988 дар таркиби китоби «Суфизм в контексте мусульманской культуры» ба чоп расидааст. Соли 2011 муҳаққиқи риштаи фалсафа Исомиддин Шарифов дар мавзуи «Муаммоҳои антропологӣ дар фалсафаи Азизуддини Насафӣ» рисолаи

номзадӣ дифоъ намудааст, ки он ба таҳқиқи ҷанбаҳои фалсафӣ, хоса фалсафаи инсон ва иродаву озодии он дар афкори фалсафии ин нависандаи ориф бахшида шудааст. Рисолаи Саидҷаъфарова Парвина таҳти унвони «Афкори фалсафӣ ва ахлоқии Азизуддини Насафӣ» роҷеъ ба андешаҳои фалсафӣ ва ахлоқии адиб баҳс мекунанд.

Дар ин рисола агарчӣ рӯзгор ва осори Насафӣ дар як фасли рисола ба таври алоҳида баррасӣ гардидааст, ба назар мерасад, ки тамоми масоили марбут ба рӯзгору осори ин адиби мутафаккир фаро гирифта нашудаанд. Муҳаққиқ асосан ба маълумоти таҳқиқоти анҷомдодаи Аҳмад Маҳдии Домғонӣ такя намудааст. Ҳол он ки чӣ қаблан ва чӣ баъдан дар бораи рӯзгору осори адиб корҳои муайяне дар Эрон ва кишварҳои аврупоӣ ба анҷом расидаанд, ки дар ҳар ду таҳқиқоти анҷомёфта ба мушоҳида намерасанд. Нуктаи дигари қобили мулоҳиза он аст, ки чун ҳадафи аслии ин муҳаққиқон таҳқиқи ҷанбаҳои фалсафии афкори нависанда ба шумор меравад, табиист, ки баррасии арзишҳои адабии таълифоти Насафӣ аз назари онҳо берун мондааст. Ба таври умум, баррасии вежагиҳои сабкӣ ва арзишҳои адабии насри фалсафӣ ва ирфонӣ дар мисоли осори Насафӣ мавзуест, ки дар адабиётшиносии тоҷик камтар таҳқиқ шудааст ва ба мушоҳида мерасад, ки чӣ дар Тоҷикистону Афғонистон, чӣ Эрону Русия ва Аврупо тадқиқоти анҷомёфта бештар ҷанбаҳои фалсафӣ доранд ва вежагиҳои сабкиву арзишҳои адабии осори Насафӣ асосан аз нигоҳи аҳли таҳқиқ берун мондаанд. Вобаста ба ин, таҳқиқи мероси осори мансури Насафӣ ва вежагиҳои мавзуиву сабки нигориши онҳо, нақши ӯ дар ташаккули ҷанбаҳои адабӣ ва таҳаввули сабки таълифи насри фалсафӣ ва ирфонӣ матлаби меҳварии таҳқиқоти рисолаи илмии моро ба миён овардааст, ки то кунун чунонки бояд, ба риштаи таҳқиқ кашида нашудааст ва муҳимтарин самтҳои онро мақсаду вазифаҳои рисола мушаххас намудааст.

Барои расидан ба ҳадафҳои асосӣ, таҳқиқу баррасии масъалаҳои зерин дар диссератсия нақши муҳим пайдо кардаанд:

- таҳқиқу баррасии рӯзгори Азизуддини Насафӣ бар асоси мавод ва иттилое, ки дар осораш зикр шудааст, бо қиёсу муқобалаи он бо ахбори сарчашмаҳо ва тазкираву осори пажӯҳишӣ;

- таҳқиқи моҳият ва мундариҷаи таълифоти ӯ таъйиди осори мансуб ба Азизуддини Насафӣ ва асаре, ки ба номи ӯ нисбат ёфтааст ва шарҳу тавзеҳи мероси ӯ;

- баррасии хусусиятҳои бадеии насри ирфонии Азизуддини Насафӣ;

- таҳқиқи махсусиятҳои насри фалсафӣ ва ирфонӣ дар осори Насафӣ;

- муайян намудани мақоми Насафӣ дар ривоҷи насри ирфонии адабиёти форсу тоҷик;

- баррасии сарчашмашиносии осори мансури Азизуддини Насафӣ;

- таҳқиқи шеваҳои хоси корбурди ашъори форсӣ дар асарҳои насрии Азизуддини Насафӣ ва баррасии ҷойгоҳи ашъори шоир дар таркиби асарҳои мансури вай;

- вижагиҳои рамзгароӣ ва усулҳои қолиби корбурди ривоёту ҳикоят дар таркиби осори Насафӣ;

- баррасии нусхашиносии осори форсии Азизуддини Насафӣ;

-шинохти сарчашмаҳои афкор ва таҳқиқи осори Азизуддини Насафӣ;

- истилоҳоти фалсафӣ ва ирфонӣ дар осори мансури Азизуддини Насафӣ ва баррасии дидгоҳҳои хосаи ӯ ба мафоҳим ва истилоҳоти орифона;

- таҳқиқи ашъори мавриди истифодаи Насафӣ ва баҳсу баррасии сарчашмаҳои аслии онҳо.

Ба сифати мавод ва ё сарчашмаҳои таҳқиқи диссертатсия рисолаҳои фалсафӣ ва ирфонии Азизуддини Насафӣ маҳсуб мешаванд, аз ҷумла «Кашф-ул-асрор», «Зубдат-ул-ҳақоиқ», «Мақсад-ул-ақсо» ва баъзе рисолаҳои дигари муаллиф.

Предмети таҳқиқи диссератаатсия вежагиҳои сабки таълифи рисолаҳои фалсафӣ ва ирфонии Азизуддини Насафӣ ва муқаррар намудани мақоми ин шахсияти барҷастаи олами ирфон дар ташаккули

насри фалсафӣ ва ирфонии форсу тоҷик ба шумор меравад. Дар рисола «Мақоми Азизуддини Насафӣ дар ташаккули насри ирфонии форсу тоҷик (масъалаҳои сарчашмашиносӣ ва поэтика)» масъалаҳои марбут ба рӯзгору осор, мероси адабиву ирфонӣ, вежагиҳои сабкиву мавзӯии таълифоти мансури Азизуддини Насафӣ ба риштаи таҳқиқ кашида шудаанд.

**Асосҳои назарӣ ва методологии диссертатсияро** баррасӣ ва омӯзиши рӯзгору осор ва мероси адабии шахсиятҳои муътабари адабиву ирфонӣ бо усули муқоисавӣ-таърихӣ, инчунин сохторшиносии матни асари бадеӣ, шарҳнависӣ ва баррасиҳои оморӣ ба кор гирифта шудааст. Маводи таҳқиқот баррасӣ ва таҳқиқи рӯзгору вежагиҳои сабкиву мавзуии осори насрии Азизуддини Насафиро фароҳам оварда, он дар асоси нусхаҳои хаттиву чопии осори ин нависанда ва мутафаккир, аз ҷумла кутуби «Кашф-ул-ҳақоиқ», «Зубдат-ул-ҳақоиқ», «Баён-ут-танзил», «Мақсад-ул-ақсо», «Инсони комил» ба қалам омадааст.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар рисола нахустин бор дар адабиётшиносии тоҷик шинохти шахсияти илмиву ирфонии Азизуддини Насафӣ, маҷмӯи осор ва вежагиҳои адабиву бадеии таълифоти вай мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Дар баробари ин ки дар рисола Шайх Азизуддини Насафӣ ҳамчун яке аз нависандагони барҷастаи осори мансури ирфонӣ ва фалсафӣ барои хонандагони тоҷик муаррифӣ мешавад, мақому ҷойгоҳи вай ҳамчун тарвиҷдиҳандаи насри ирфонӣ пас аз Абуалӣ ибни Сино таҳқиқ шудааст, ки то кунун ин баҳс дар расоили марбут ба таърихи адабиёти тоҷик ба миён гузошта нашуда буд, ба ҷуз аз мавориди алоҳида, ки зикраш қаблан рафт. Диссертатсияи номзадии Ҳабибулло Сатторов барои шинохти умумии инкишофи ташаккули насри ирфонии адабиёти форсу тоҷик аз чанд ҷиҳат муҳим буда, арзиши назарияш дар он зоҳир мешавад, ки дар он зимни баррасии масъалаи насри ирфонӣ дар таълифоти Насафӣ, қонуниятҳои назарии инкишофи ин навъи наср мушаххас мешавад. Маводи диссертатсия, бардоштҳои

назарии диссертант ва хулосаю натиҷагириҳои ӯ барои таҳқиқи минбаъдаи анвои насри ирфонӣ дар адабиёти классикии тоҷик мусоидат менамояд.

**Арзиши амалии** диссертатсияи Ҳабибулло Сатторов дар он аст, ки аз мавод ва натоиҷи илмию пажуҳиши таҳқиқоти мазкур метавон ҳангоми таҳияи таърихи наср, мураттаб сохтани китобҳои дарсӣ, васоити таълимӣ, мақолаю суханрониҳои илмӣ дар робита ба равандҳои инкишофи насрӣ ва ғайра истифода намуд.

Муҳтавои таҳқиқот ва мундариҷаи диссертатсияи Ҳабибулло Сатторов дар 9 мақола, аз ҷумла, 4 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 5 мақолаи дигар дар маҷмуаву конфронсҳои байналмилалӣ руи чоп омадааст.

## А) ИНТИШОРОТ АЗ РӮЙИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ:

1. Ҳабибулло, С. Тавсифи мероси адабиву ирфонии Азизуддини Насафӣ/ С. Ҳабибуло// Паёми Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2020. – №5 (88). – С. 124-128.

2. Ҳабибулло, С. Шарҳи мухтасари зиндагиномаи Азизуддини Насафӣ/ С. Ҳабибуло// Паёми Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2020. – №6 (89). – С. 182-184.

3. Абдуҷаббор, Р. Ҳабибулло, С. Шеваи нигориши насри суфиёна ва таҷассуми он дар осори Насафӣ / Р. Абдуҷаббор, С. Ҳабибуло // Паёми Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2022. – №5 (100) – С. 203-207.

4. Восиева Р. Ҳабибулло, С. Таъсири афкори чеҳраҳои маъруфи ирфонӣ ба рушди шахсияти Насафӣ / Р. Восиева, С. Ҳабибуло // Суханшиносӣ. – Душанбе, 2022. – №4. – С. 69-74

## Б) МАҚОЛАҲОИ МУАЛЛИФ ДАР МАҶМУАҲО ВА НАШРИЯҲОИ ДИГАРИ ИЛМӢ:

1.Сатторов Ҳ.А. Сохтори «Зубдат-ул-ҳақоиқ”-и шайх Азизуддини Насафӣ»// Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҳайати профессорону омӯзгорон, докторантону магистрантони Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. Душанбе – 2021. – С. 223-227.

2.Сатторов Ҳ.А. Зиндагиномаи Азизуддини Насафӣ ё худ пири Ҳамзаи сабзпӯш «Анвори дониш»// Маҷмуаи илмии ҳайати профессорону омӯзгорон, докторантону магистрантони Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. – Душанбе, 2021. – С. 85-92

3.Ҳабибулло Сатторов (Тоҷикистон). Шеваҳои истифодаи ашъор ва амсол дар осори насрии Насафӣ/ Маводи конфронси байналхалқии «Мероси хаттии Осиёи Марказӣ: масъалаҳои нусхашиносӣ, тарҷума, накди мутуни адабӣ. Хуҷанд, 31 майи соли 2022. — Хуҷанд: Нури маърифат, 2022. – С. 213-220.

4.Ҳабибулло Сатторов (Тоҷикистон).Нусхашиносӣ ва нашрҳои расолаҳои Насафӣ/Маводи конфронси байналхалқии «Масъалаҳои мубрами филология ва методикаи ташаккули салоҳиятмандии донишҷӯён аз забонҳои хориҷӣ. Душанбе, 20-21 майи соли 2023. — Душанбе, 2022. – 210-212 .

5.Сатторов Х.А. Стихи известных поэтов в прозаических произведниях Азизуддина Насафи // «Вопросы изучения лингвистики, перевода и методики преподавания иностранного языка в период глобализации. Душанбе, 24 мая соли 2023. — Душанбе, 2023. – С. 156-157.

Кафедраи назария ва таърихи адабиёти факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин

Айнӣ диссертатсияи Сатторов Ҳабибулло Ҷабборович дар мавзуи «Мақоми Азизуддини Насафӣ дар ташаккули насри ирфонии адабиёти форсу тоҷик (масъалаҳои сарчашмашиносӣ ва поэтика)»-ро кори анҷомёфтаи илмӣ ва муҳимму арзишманд меҳисобад, ки он дар сатҳи лозимии илмию таҳқиқӣ таълиф ёфта, ба талаботи кори диссертатсионӣ ҷавобгӯ мебошад. Дар ин замина, диссертатсияи мазкур ба ҳимоя аз рӯйи ихтисоси 10.01.08 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология тавсия мешавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи назария ва таърихи адабиёти факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ тасдиқ гардидааст.

Иштирок доштанд: 16 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 14 нафар, «зид» - нест, «бетараф»- нест. Қарори № 12, аз 21.01. 2023.

**Раиси ҷаласа:**
Доктори илми филология, мудири
кафедраи назария ва таърихи адабиёти
ДДОТ ба номи С. Айнӣ Солеҳов Ш.

**Котиби илмии ҷаласа:**
Номзади илми филология, дотсенти
кафедраи назария ва таърихи адабиёти
ДДОТ ба номи С. Айнӣ Шоев А. А.

Имзоҳои Ҳ. Солеҳов ва А. Шоевро
тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДДОТ ба номи С. Айнӣ Мустафозода А.

**Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121
Тел.: +992935364303
«__» январи соли 2023